# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи "Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

**1. Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни рисолаи илмии Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи "Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ"ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла, ба *банди 1* – Методологияи таҳқиқоти педагогӣ (асосҳои ҷаҳонбинии таҳқиқот; равишҳои таҳқиқотӣ ба рушди илми педагогӣ, мувофиқат ва ҳудудҳои татбиқи онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ; рушди соҳаи фаннии педагогика; илмшиносии педагогӣ; хусусияти робитаҳои байнифаннӣ дар тақиқоти педагогӣ; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим; асосноккунии методологии таҳқиқоти пешгӯикунанда; асосноккунии методологии таҳқиқоти дастҷамъона; сифати таҳқиқоти педагогӣ); *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот); *банди 5* – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асоҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият), ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун воситаи тарбияи шахс) мувофиқ мебошад.

**2.Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Дар ҷомеаи муосир ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи насли наврас, махсусан хонандагони синфҳои ибтидоӣ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Муассисаи таълимӣ ва оила ҳамчун ниҳодҳои ҷомеа ба ташаккули шахсияти кӯдак таъсири назаррас мерасонанд. Аз таҳлили таҳқиқотҳои педагогию равонӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир аҳамияти илмию амалиро касб мекунад ва аз ҷиҳати назариявию амалӣ пажӯҳиш намудани масъалаи мазкур дар шароитҳои

нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои ҷалби оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир ба таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

Бо таваҷҷуҳ ба нукоти баёншуда, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ мавзуи "Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ" интихоб намудааст.

Муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар таълифоти этнографӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ ва педагогии олимон Н.М.Назаров, Ғ. Ашуров, М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Х.Раҳимзода, Б.Маҷидова, А.Нуров ва дигарон масоили ҳамкории муассисаи таълимӣ бо оила таҳқиқ гардидаанд. Ҷанбаҳои педагогии мавзуи мазкур дар корҳои илмиву пажӯҳишии олимон Х.Раҳимзода, А. Нуров , Б.Маҷидова ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Унвонҷӯй муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъи нақши пешбарандаи оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, назарияи фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи оила ва муассисаи таълимиро дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари хешро иброз намояд.

**3. Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳо.**

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- таҳлили дараҷаи омӯзиши мушкилоти фаъолияти самараноки таълимии оила дар заминаи назария ва амалияи муосири педагогӣ;
- ифшои моҳият ва сохтори консепсияи салоҳияти касбии омӯзгор ҳамчун асоси ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ;
- муайян намудани шароити ташкили ҳамкории коллективи педагогӣ ва оила дар муҳити муосири таълимӣ, инчунин санҷиши таҷрибавии онҳо;
- таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ, инчунин ҷанбаҳои асосии раванди таҳкими ҳамкории оила ва коллективи педагогӣ;
- тавсифи марҳилаҳои ташаккули ҳамкории самараноки оила ва мактаб, таҳияи амсилаи чунин ҳамкорӣ ва арзебии самаранокии он дар шароити зинаи таҳсилоти ибтидоӣ.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** бадастома дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажуҳиш такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои пажуҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шудааст; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти ибтидоӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисолаи илмӣ таҷассум меёбад.

**Падидаи навгонӣ** ва бозёфти илмии рисолаи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ бо он арзёбӣ мегардад, ки:

- таҳқиқоти васеътару муфассалро дар доираи назария ва амалияи муосири педагогӣ, ҷанбаҳои фаъолияти самараноки таълимӣ ва тарбиявии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар муассисаи таълимӣ ва оила баррасӣ ва таҳлил кардааст;
- мазмуну сохтори консепсияи салоҳияти падару модарон ва омӯзгоронро ҳамчун унсури калидии ҳамкории байни оила ва муассисаи таълимӣ таҳқиқ намудааст;
- шароитҳои ташкилие, ки ба таҳкими шарикии оила ва мактаб дар заминаи таҳсилоти муосир мусоидат мекунад, муайян ва мавриди санҷиш қарор додааст;
- ҷузъҳои асосӣ, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ муқаррар шудаанд;
- амсилаи муносиби ҳамкории мутақобилаи оила ва муассисаи таълимӣ дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардидааст.

Аз нигоҳи муҳаққиқ барои эҷоди ҳамкории муассири омӯзгорон ва волидон муҳим аст, ки ҳарду ҷониб аз накши худ дар раванди таълим огоҳ бошанд. Омӯзгор бояд на танҳо манбаи дониш, балки мураббие бошад, ки қодир аст волидонро ба фаъолияти муштарак ҷалб кунад. Волидон, дар навбати худ, бояд фаъол бошанд, ба муваффақият ва мушкилоти хонанда таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд ва барои ҳамкорӣ бо мактаб омода бошанд. Ин аз ҳарду ҷониб эҳтироми тарафайн, эътимод ва ошкоро дар муоширатро талаб мекунад. Масъалаи мазкур дар педагогикаи ватанӣ ба таври васеъ матраҳ гардида бошад ҳам, вале то ҳоло дар сатҳи зарурӣ омӯхтанашуда боқӣ мондааст ва таҳқиқоти алоҳидаи илмии педагогиро дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба фикрҳои баёншуда, интихоби мавзуи интихобнамудаи

Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи “Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” мубрам буда, ошкор сохтани мавқеи муассисаи таълимӣ ва оилар о дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ мақсад гузоштаст.

4. **Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

**Аҳамияти назариявии** таҳқиқоти мазкур дар он ба назар мерасад:

- мушаххасгардонии мафҳуми «салоҳияти падару модар», сатҳи фаъолияти таълимии падару модар, мавқеи падару модар, шаклҳои муносибати байни падару модар ва кӯдак, тамоюли арзишии падару модарон;

- асосноксозии шароитҳои ташкилӣ ва педагогии омӯзгор оид ба истифодаи усулҳои амсилаи ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз асосноксозии таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян кардани мавҷудият ва сатҳи салоҳияти падару модарон, таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи ҳамкории самарабахш байни оила ва муассисаи таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоии муосир, озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ иборат мебошад.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала; дар омезиши дурусти пажӯҳиши назариявӣ ва таҷрибавӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳои пажӯҳиш; дар истифодаи маҷмӯи усулҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои пажӯҳиш; дар ташкилу баргузории пажӯҳиши озмоишӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳияи воситаҳои ташхис барои муайян кардани сатҳи салоҳияти падару модарон, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти корҳои озмоишӣ, коркард ва мавриди озмоиш қарор додани барномаи татбиқи амсилаи ҳамкории самарабахши оила ва муассисаи таълимӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада дар таҳияи диссертатсия инъикос ёфтааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2017-2022 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар 10 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия

тавсияшаванда шомилбуда, 4 мақола дар маҷмӯаи маводи конференсияҳо ва 3 дастури таълимӣ нашр шудаанд.

**5. Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 190 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва руйхати адабиёт (160 номгӯй) иборат буда, дар он 16 ҷадвал, 12 диаграмма ва расм истифода шудааст. Рисолаи илмӣ инчунин, хулоса, ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳамият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Боби якуми рисолаи илмӣ “Заминаҳои назариявии ҳамкории мактаб ва оила ҳамчун ниҳодҳои ҷамъиятӣ ” номгузорӣ гардида, дар** фасли якум “**Проблемаҳои падарию модарӣ: таҳаввулоти нақшҳои оилавӣ дар ниҳодҳои муосири ҷамъиятӣ**”таҳлил гардидаанд. Муҳаққиқ зимни омӯзиши адабиётҳои психологӣ ва педагогӣ қайд менамояд, ки сиёсати навини давлатӣ дар соҳи маориф, махсусан дар тарбияи насли наврас хеле муҳим буда, дар ин самт таҳқиқотҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Оила на танҳо шахсиятро ташаккул медиҳад, балки ҳамчун асос барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ, ки барои ҳамгироии бомуваффақият ба ҷомеа заруранд, хизмат мекунад. Бе ин таҳкурсӣ, барои шахс пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар ҷаҳон, барқарор кардани муносибатҳои солим ва амалӣ кардани потенсиали онҳо душвор хоҳад буд.

Ба андешаи муҳаққиқ Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ мавқеи фаъоли падару модаронро, ки мунтазам омухтан ва такмил додани малакаҳои амалиро дарбар мегирад, бо ёрии ҳамдигарӣ бо машғулиятҳои методӣ амалӣ гардондан мумкин аст. Дар ин ҳолат муҳим аст, ки ҳам омилҳои низоми дохилӣ (хусусиятҳои шахсии волидайн) ва ҳам муҳити беруна (неруи педагогии оила, арзишҳои иҷтимоӣ ва муносибати давлат ба кӯдакон) ба инобат гирифта шаванд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки мавҷуд будан ё набудани салоҳияти волидайн дар масъалаҳои тарбия ва психология метавонад насли оянда, қобилияти мутобиқ шудан ба ҳаёт ва ҳамкорӣ бо ҷаҳони атрофро муайян кунад. Салоҳияти волидон омили муҳиме мегардад, ки на танҳо некӯаҳволии худ, балки ояндаи фарзандони онҳоро низ муайян мекунад. Дар шароити ҷаҳони муосир, ки иттилоот ва технология босуръат рушд мекунанд, волидон бояд дониш ва малакаҳои худро пайваста нав кунанд, то тавонанд ба мушкилоте, ки ҳаёт ба миён меорад, посухи муносиб

диҳанд. Ин ҳам дастгирии эмотсионалӣ ва ҳам ҷанбаҳои амалии тарбияро ба монанди омӯзиш, иҷтимоӣ ва рушди тафаккури интиқодӣ дар кӯдаконро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ бамаврид қайд менамояд, ки "Дар шароити муосир, вақте ки ҷомеа бо мушкилоти нав рӯ ба рӯ мешавад, нақши оила дар тарбияи фарзанд боз ҳам муҳимтар мешавад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология, волидон бояд махсусан дар бораи он, ки онҳо ба фарзандони худ чӣ гуна арзишҳо медиҳанд, бодиққат бошанд. Муҳим он аст, ки оила марказе боқӣ монад, ки дар он муносибатҳои асосии ахлоқӣ ташаккул ёбанд, ки кӯдак дар ҷаҳони мураккаб мутобиқ шавад".(саҳ.50)

Бинобар ин, донистани асосҳои педагогика ва психология метавонад ба волидон кӯмак кунад, ки фарзандони худро беҳтар дарк кунанд ва барои рушди онҳо фазои бароҳатро фароҳам оранд Яке аз ҳадафҳои пешбарандаи таълим аз он иборат аст, ки "волидон бояд на танҳо аз усулҳо ва равишҳои таълим огоҳ бошанд, балки дар раванди таълим фаъолона иштирок кунанд ва ба ин васила барои фарзандони худ муҳити дастгирӣ ва рушдёбанда фароҳам оранд". (саҳ.54)

Дар таҳқиқоти муосир дар соҳаи психология ва педагогика мафҳумҳои ба монанди "салоҳияти волидон дар соҳаи психологӣ-педагогӣ", "салоҳияти иҷтимоӣ-психологии волидон", "натиҷагирии фаъолияти волидон" ва "тарбияи бомуваффақияти кӯдакон" ба таври васеъ истифода мешаванд. Ин истилоҳҳо аксар вақт ба ҷои ҳамдигар истифода мешаванд ва маъноҳои наздик доранд, аммо онҳо ба ҷанбаҳои гуногуни нақши волидайн дар тарбия диққат медиҳанд. Масалан, салоҳияти психологӣ-педагогии волидон на танҳо донистани усулҳои тарбияро, балки қобилияти самаранок истифода бурдани онҳоро бо назардошти хусусиятҳои беназири ҳар як кӯдак фаро мегирад.

Дар рисолаи илмӣ шароити педагогӣ, ки услуби муошırати омӯзгор бо волидон, қобилияти эҷоди муносибатҳои боэътимод, фаъолона гӯш кардан ва ба таври возеҳ баён кардани фикрҳои онҳоро дар бар мегирад, таҳлил шудааст. Қайд мегардад, ки ҳамкории муваффақ аз омӯзгор қобилияти гӯш кардан ва шуниданро талаб мекунад, ки ин на танҳо фаҳмидани ниёзҳо ва интизориҳои волидайн, балки инчунин пайдо кардани нуқтаҳои тамос барои ҳалли муштараки вазифаҳоро фароҳам меорад.

Боби дуюми диссертатсия "**Ташкили фаъолияти самараноки падарию модарӣ дар муассисаи таълимӣ ва оила дар шароити муосири таҳсилоти ибтидоӣ**" унвон гирифта, аз се фасл иборат мебошад.

Дар боби мазкур муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҳамкории самараноки омӯзгорон ва волидон дар мактаби ибтидоӣ калиди рушди

бомуваффақияти кӯдак мебошад. Аммо, барои ба даст овардани ҳамоҳангии омӯзгор – падару модар-шогирд шароити ташкилию педагогиро муҳайё намудан муҳим аст. Ин шароит як системаи мураккабест, ки на танҳо омилҳои беруна, балки хусусиятҳои шахсии ҳар як иштирокчии раванди таълимро дар бар мегирад. (саҳ.78)

Муҳаққиқ дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дар марҳилаи ташаккулдиҳанда як қатор чорабиниҳоро барои баланд бардоштани салоҳияти волидайн, аз ҷумла семинарҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар ва машғулиятҳои амалӣ ба волидон баргузор намояд, ки равишҳои навро дар муносибат бо хонандагон ва омӯзгорон омӯзанд. Дар ин маврид ба ҷузъҳои асосии салоҳияти волидайн, аз қабили ҷанбаҳои маърифатӣ, арзишӣ, эмотсионалӣ ва рафторӣ диққат дода шудааст.

Дар ин боб унвонҷӯ амсилаи ҳамкорӣ байни оила ва МТ дар заминаи таълими ҳозиразамони ибтидоӣ таҳия ва самаранокии истифодаи амсилаи ҳамкориро байни оила ва муассисаи таълимӣ исбот намудааст.

Махсусан, аз ҷониби унвонҷӯ бо истифода аз методикаи «Таркиби туҳфа ба падару модар» омӯхтани паҳлуҳои муносибати падару модар бо кӯдак, дарки падару модар ва таҷрибаи вижагии муносибат бо кӯдак омӯхта шудааст, ки бо истифодаи категорияҳои муайяни рӯҳонӣ ҷаҳони ботинии пурсидашудагон инъикос меёбад. Масалан, категорияҳое ба мисли муҳаббат, ғамхорӣ, тарс, умед ва дигарон, ки дар изҳороти онҳо ифода ёфтан мумкин аст, баррасӣ мегарданд. Ин на танҳо имкон медиҳад, ки ранги эҳсосии калимаҳои онҳоро арзебӣ кунанд, балки арзишҳо ва муносибатҳои калидии ба фарзандонашон додашударо муайян созанд. Бо таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ на танҳо тамоюлҳо ва намунаҳои асосиро муайян намуданд, балки ҷузъи эмотсионалӣ ва маънавии таҷрибаи волидайнро амиқтар дарк намуданд. (саҳ.87-89)

Таҳлили ҷавобҳои волидайн ба саволҳо дар бораи кӯдакон, ки аз рӯи 11 категория сохта шудааст ва имкон медиҳад, ки фаҳмиши амиқи динамикаи оила ва дарки волидайни кӯдак ба вуҷуд ояд. Муайян гардидааст, ки соҳаҳои ташвишовар, ки бо гунаҳкорӣ, эҳтимолият, изтироб ва тарси волидон нисбат ба фарзандонашон алоқаманданд, дар тарбия ва рушди онҳо нақши муҳим доранд. Ин ҷанбаҳо бо истифода аз ҷадвале бо номи "Тарс ва изтироби эҳтимолӣ" ташкил шудааст, ки барои муайян кардани мушкилоти асосии волидон кӯмак мекунанд. Фаҳмидани ин ташвишҳо ба волидон имкон медиҳад, ки аз эҳсосоти худ ва таъсири онҳо ба муносибат бо фарзандон огоҳтар бошанд. (саҳ.97)

Дар натиҷаи таҳқиқоти ташхисӣ, ки бо истифода аз усули мураккаб гузаронида шудааст, муҳаққиқ тавонистааст намудҳои гуногуни

муносибатҳои волидайнро, ки дар тарбияи фарзанд нақши калидӣ доранд, муайян созад. Дар кори худ панҷ намуди асосии ҳамкории байни модар ва кӯдакро муайян намудааст, ки инҳо муносибатҳои баҳсбарангез, ҳамоҳанг, дурдаст, бартаридошта ва итоаткор мебошанд.

Ҷолиб он аст, ки дар заминаи муносибат бо кӯдакон, 78,2% ифодаҳои волидайн мусбат буданд. Ин таъкид мекунад, ки сарфи назар аз мавҷудияти низоъҳо, дар маҷмӯъ, волидон мекӯшанд, ки бо кӯдакон муносибатҳои гарм ва боэътимод эҷод кунанд.

Аз ҷониби муҳаққиқ «Барномаи татбиқи амсилаи самаранокии ҳамкории оила ва МТ» таҳия гардида, самаранокии барнома дар асоси натиҷаҳои ташхис ва таҳлили маълумот баргузор ва хулосаҳо бароварда шуданд. Дар таҳлилҳо ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи барнома муфассал шарҳ дода шуда, тавсияҳо оид ба такмил ва васеъ кардани он дар дигар муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб ва дар маҷмӯъ минтақа пешниҳод шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи барномаҳои мақсадноки дастгирии оилаҳо ва баланд бардоштани сифати таҳсилоти ибтидоӣ истифода шаванд, ки ба фароҳам овардани муҳити ҳамоҳангтар ва самараноки таълимӣ барои хонандагон мусоидат кунанд. Бозёфтҳо инчунин метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи тарбияи оилавӣ ва психологияи рушди шахсияти кӯдак истифода шаванд.

Дар умум, диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи “Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйиихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

## 6. Эродҳо ба кори диссертатсионӣ

Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Агар унвонҷӯ дар боби якуми рисолаи илмӣ таҳқиқотҳои олимони ватаниро дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ таҳлил намуда, нуктаҳои муҳими назарӣ ва амалии ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оиларо дар муқоиса ба корҳои анҷомшуда васеътар кушода медод, натиҷаҳои таҳқиқот боз самараноктар мешуд.
2. Дар боби дуюми рисола муҳаққиқ зимни баргузории корҳои озмоишӣ бештар ба муайян намудани муносибатҳои эҳсосотии хонандагон, ба монанди аломатҳои эҳсосӣ, ҳолати эҳсосӣ, зуҳуроти эмотсионалӣ, фаъолият ва руҳияи мусбати эмотсионалӣ, қобилияти таъсиррасонӣ ба вазъу ҳолати

эҳсосии хонандагон дар ҳамкорӣ бо волидон таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар мавриди баргузории санҷиши озмоишӣ бояд ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва оиларо дар шароити муосири таҳсилоти ибтидоӣ низ васеътар таҳқиқ ва натиҷагирӣ менамуданд.

3. Бархе аз ақидаҳои муаллиф дар матни диссертатсия норавшан буда, қисме аз ҷумлаҳо ба таҳлили мантиқию услубӣ ниёз доранд. (саҳ.4,15,21,27,33,34,42,62,66,110,115,124,134,146, 153).

4. Дар матни фишурдаи кор ва рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои техникию имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд (саҳ.5,10,22,37,48,59,82,113,119,140,157). Махсусан, дар матни рисолаи илмӣ гузоштани шакли дурусти ҳарфи «ё» дар зиёд калимаҳо риоя нагардидааст ва ба талаботи меъёри навишти рисолаи илмӣ мувофиқ намуданро талаб мекунад.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадиро дар мавзуи “Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Хулоса, диссертатсияи Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ дар мавзуи “Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ” кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳкиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона иҷро карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

### 7.Мувофиқати автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии рисолаи илмиро инъикос менамоянд. Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо соҳаи зерини шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад.

Умуман, рисолаи илмӣ дар мавзуи “Шароитҳои ташкилӣ-педагогии рушди ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣба талаботи ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи намунавӣ оид ба

Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадизода Абдураҳмон Маҳмадӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Иматзода Лутфия Маҳмадулло**

**18.06.2025 с.**

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадр ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Х.Ҳакимова

Маълумот барои тамос:
734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кучаи Адҳамов 11/2, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Телефон: 227 62 46, 555333121.